**ҚАРОРИ**
**ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№5**

**аз 13 марти соли 2003** **шаҳри Душанбе**

**Доир ба таҷрибаи судӣ оиди таъин намудани ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо ва аз рӯи маҷмӯи ҳукмҳо**
***(бо тағйиротҳое, ки бо қарорҳои Пленум аз 23 июни соли 2010, №18 ва аз 23 ноябри соли 2012, №36 ворид карда шудаанд)***

Тарзи дар моддаҳои 67 ва 68 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишудаи таъини ҷазо дар мавриди содир кардани маҷмӯи ҷиноятҳо ва аз рӯи маҷмӯи ҳукмҳо ба судҳо имконият медиҳад, ки принсипи фардикунонии ҷазоро нисбати шахсоне, ки барои содир кардани ду ва зиёда ҷиноятҳо ё ки содир кардани ҷинояти нав то пурра адо намудани мӯҳлати ҷазои бо ҳукми пештара таъиншуда гунаҳгоранд, пурра амалӣ созанд.

Таҷрибаи судӣ нишон медиҳад, ки судҳо асосан қоидаи татбиқ намудани қонунгузориеро, ки тарзи таъин намудани ҷазоро барои маҷмӯи ҷиноятҳо ва аз рӯи маҷмӯи ҳукмҳо ба тартиб медароранд, риоя мекунанд.

Дар баробари ин дар фаъолияти баъзе аз судҳо доир ба ин масъала камбудиҳо ҷой доранд.

Судҳо на ҳама вақт ба дараҷаи кофӣ ба назар мегиранд, ки содир кардани якчанд ҷиноятҳо аз ҷониби шахси ҷудогона аз устувории рафтори зиддиҳуқуқии онҳо шаҳодат дода, хавфнокии баланди ҷамъиятӣ доштанашонро нишон медиҳад.

Баъзе судҳо барои маҷмӯи ҷиноятҳо ҷазо муайян намуда, хусусият ва дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҳар як ҷинояти содиршударо, инчунин шахсияти гунаҳгор ва дигар ҳолатҳои корро ҳаматарафа ба назар намегиранд.

Ҳолатҳое ҷой доранд, ки ба ҷои пурра ё қисман зам намудани ҷазоҳои барои ҳар як ҷинояти алоҳида таъиншуда беасос тарзи бо роҳи ҷазои сабуктарро дар бар гирифтани ҷазои вазнинтар татбиқ карда мешавад.

Дар баъзе мавридҳо судҳо ҳангоми таъини ҷазо барои содир намудани якчанд ҷиноятхо аз рӯи моддаҳои мухталиф ба ҷои он ки ҷазоро дар асоси моддаи 67 қисми 3 КҶ, барои маҷмӯи ҷиноятҳо таъин намоянд, саҳван онро мутобиқи моддаи 68 КҶ аз рӯи маҷмӯи ҳукмҳо таъин менамоянд.

Инчунин дар вақти ба ҳисоб гирифтани қисми адонашудаи ҷазо бо ҳукми пештара ба хатогиҳо роҳ дода мешавад. Ҳолатҳое ҷой доранд, ки қисми адонагардидаи ҷазои ҳукми пештара ба ҷазои ҳукми охирин қисман ё пурра зам карда намешавад.

Ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки баъзе судҳо ҳангоми таъини ҷазо барои ҷиноятҳое, ки қабл аз баровардани ҳукми пештара содир карда шудаанд, ба хатогӣ роҳ дода, ба ҷои таъин намудани ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо, аз рӯи маҷмӯи ҳукмҳо ҷазо таъин мекунанд.

Судҳои марҳилаи кассатсионӣ ва назоратӣ бошанд, на ҳама вақт ба дурустии аз тарафи суди марҳилаи аввал татбиқ намудани қонунгузории марбут ба таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо ва аз рӯи маҷмӯи ҳукмҳо диққати лозимӣ медиҳанд ва на ҳама вақт хатогиҳои суди марҳилаи аввалро ошкор ва ислоҳ мекунанд.

Бо мақсади бартараф намудани камбудиҳои дар таҷрибаи судӣ ҷойдошта ва бо истифода аз моддаи 27 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, -

## ҚАРОР КАРД:

1. Диққати судҳо ба он нигаронида шавад, ки аниқ иҷро кардани талаботҳои моддаҳои 67 ва 68 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди риояи асосҳои умумии таъин намудани ҷазо яке аз шартҳои муҳими муайян кардани ҷазои қонунӣ, асоснок ва одилона ба шахсоне, ки барои якчанд ҷиноят гунаҳгоранд ё то адои пурраи ҷазо бо ҳукми пештара ҷинояти нав содир кардаанд, дониста мешавад. Судҳо дар ин мавриди онро бояд дар назар дошта бошанд, ки аз тарафи шахс содир гардидани якчанд ҷиноят, хусусан ҷиноятҳои қасдона, аз хавфнокии баланди ҷамъиятӣ доштани кирдори содиркарда ва шахсияти гунаҳгор шаҳодат медиҳад.

2. Судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки тарзи бо қонун пешбинишудаи таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо дар ҳолати банду баст намудани кирдори содиршударо ҳам бо моддаҳои гуногун ва ҳам бо қисмҳои (бандҳои) гуногуни худи ҳамон як моддаи қонуни ҷиноятие, ки таркиби ҷинояти алоҳидаро пешбинӣ намуда, санксияи мустақилро дошта бошад, ҳамчунин дар мавриди аз ҷониби шахс содир намудани ҳаракатҳои якхелае, ки якеашон ҳамчун ҷинояти тамомшуда ва дигарашон ҳамчун тайёрӣ, сӯиқасд ё шарикӣ дар ҷиноят банду баст мегардад, татбиқ карда мешавад.

Тартиби дар моддаи 67 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 344 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, муқаррargардидаи таъини ҷазо, ки мувофиқи онҳо суд вазифадор аст барои ҳар як ҷиноят дар алоҳидагӣ ҷазо таъин карда, онро дар ҳукм нишон дода ва пас ҷазои ниҳоиро барои маҷмӯи ҷиноятҳо муайян кунад, барои таъин намудани ҳам ҷазоҳои асосӣ ва ҳам ҷазои иловагӣ дахл дорад.

3. Дар мавриди таъин намудани ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо бо роҳи ҷазои сабуктарро дар бар гирифтани ҷазои вазнинтар ё ин ки пурра ё қисман зам кардани ҷазоҳои барои ҷиноятҳои алоҳида таъинкардашуда, судҳо бояд хусусият ва дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноятҳои содиршуда, мақсад ва ҳадафи ҳар кадоми онҳо, шаклҳои гуноҳ, намуди маҷмӯи (воқеӣ ё идеалӣ), ҳолатҳоеро, ки ҷазоро сабук ё вазнин мекунанд, инчунин маълумотҳо оид ба шахсияти гунаҳгорро ба ҳисоб гиранд. Дар баробари ин бояд дар назар дошт, ки банду басти дурусти ҳуқуқии кирдори содиршуда ва таъин намудани ҷазои мувофиқ барои ҳар як ҷиноятe, ки ба маҷмӯъ дохил мешавад, шарти зарурии таъин намудани ҷазои ниҳоии одилона мебошад.

4. Мутобиқи қонун суд ҳақ дорад ҳангоми таъини ҳам намудҳои якхела ва ҳам намудҳои гуногуни ҷазо ба ҷиноятҳои алоҳида, ки ба маҷмӯъ дохил мешаванд, ҷазои ниҳоиро бо роҳи ҷазои сабуктарро дар бар гирифтани ҷазои вазнинтар таъин намояд.

Дар ин маврид бояд дар назар дошт, ки дараҷаи вазнинии намудҳои ҷазо бо пайдарҳамие, ки онҳо дар моддаи 47 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудаанд, муайян карда мешавад.

5. Пурра ё қисман зам кардани ҷазоҳоро ҳангоми маҷмӯи ҷиноятҳо дар мавриди таъин намудани ҳам ҷазоҳои якхела ва ҳам намудҳои гуногун барои ҷиноятҳои алоҳида татбиқ кардан мумкин аст. Дар ин ҳолат судҳо бояд қоидаи иваз намудани ҷазоҳоро, ки дар моддаи 69 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, ба роҳбарӣ гиранд. Ҷазои ниҳоӣ бояд аз рӯи намуди ҷазои нисбатан вазнинтар ва дар доираи раводиди моддае, ки ҷазои вазнинтарро пешбинӣ кардааст, муайян карда шавад. Дар мавриди қисман зам кардани ҷазоҳо ҷазои ниҳоӣ дар ҳар ҳолат бояд аз рӯи андоза аз ҳар кадом ҷазоҳои бо моддаҳои алоҳида таъиншуда зиёдтар бошад.

6. Мутобиқи талаботи моддаи 67 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми таъин намудани ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо, агар маҷмӯи ҷиноятҳо танҳо аз ҷиноятҳои начандон вазнин иборат бошанд, ҷазои ниҳоӣ бо роҳи ҷазои сабуктарро дар бар гирифтани ҷазои вазнинтар ва ё бо роҳи пурра ё қисман зам кардани ҷазоҳо таъин карда мешавад. Дар ин мавридҳо ҷазои ниҳоӣ ҳангоми зам кардани ҷазоҳо набояд аз мӯҳлат ва андозаи болоие, ки барои содир намудани ҷинояти нисбатан вазнинтар аз ҷумлаи ҷиноятҳои содиршуда пешбинӣ гардидааст, сахттар бошад.

Агар ҷиноятҳои ба маҷмӯъ дохилшаванда танҳо аз ҷиноятҳои дараҷаи миёна, вазнин ё махсусан вазнин иборат бошанд, ҷазои ниҳоӣ фақат бо роҳи қисман ё пурра зам кардани ҷазоҳо таъин карда мешавад. Дар ин маврид ҷазои ниҳоӣ дар шакли маҳрум сохтан аз озодӣ набояд аз сӣ сол зиёд бошад.

Агар маҷмӯи ҷиноятҳо аз ҷиноятҳои категорияҳои гуногун: начандон вазнин ва дараҷаи миёна, вазнин ё махсусан вазнин иборат бошанд, дар ин маврид суд метавонад дар вақти таъин намудани ҷазои ниҳоӣ принсипи ҷазои сабуктари барои ҷинояти начандон вазнин таъиншударо дар бар гирифтани ҷазоҳои вазнинтар ва ё тарзи бо роҳи пурра ё қисман зам кардан ҷазоҳои таъиншударо татбиқ кунад. Дар ин маврид ҳам ҷазои ниҳоӣ дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ набояд аз 30 сол зиёд бошад.

Ҷазои ниҳоии ҷарима аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳо ё маҷмӯи ҳукмҳо барои содир намудани ҷиноятҳои дар қисмҳои 6 ва (ё) 7 моддаи 49-и КҶ пешбинигардида аз панҷ ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо, ки дар вақти содир кардани ҷиноят амал мекард, зиёд буда наметавонад.

7. Судҳо бояд ба назар гиранд, ки дар ҳар ҳолати татбиқ намудани қисми 5 моддаи 67 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷазои ниҳоии барои маҷмӯи ҷиноятҳо таъиншуда аз ҷазои бо ҳукми аввала таъиншуда набояд камтар бошад, чунки дар ин ҳолатҳо ҳангоми истифодаи тарзи ҷазои сабуктарро дар бар гирифтани ҷазои вазнинтар ё зам намудани ҷазоҳо суд бояд андозаи ҳамаи ҷазои бо ҳукми аввала таъиншударо ба инобат гирад, на ин ки қисми адонагардидаи онро.

Тартиби дар қисми 5 моддаи 67 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишудаи таъини ҷазо инчунин дар ҳолатҳое татбиқ карда мешавад, ки агар пас аз маҳкум намудани шахс бо шартан татбиқ накардани ҷазо муқаррар карда шавад, ки вай то баровардани ҳукми аввала барои содир кардани дигар ҷиноят низ гунаҳкор мебошад.

8. Ба ҷазои асосии барои маҷмӯи ҷиноятҳо таъиншуда мумкин аст ҷазоҳои иловагие ҳамроҳ карда шаванд, ки барои яке аз ҷиноятҳо таъин шудаанд. Ҷазои ниҳоии иловагӣ дар мавриди пурра ё қисман зам кардани ҷазоҳо набояд аз мӯҳлат ё андозаи ҳадди аксаре, ки дар қисми Умумии Кодекси ҷиноятӣ барои ин намуди ҷазо муқаррар гардидааст, зиёд бошад. Ҷазоҳои иловагии намудҳои гуногун, ҳар кадомашон дар алоҳидагӣ мустақилона иҷро карда мешаванд.

Агар маҷмӯи ҷиноятҳо аз категорияҳои гуногуни ҷиноятҳо иборат бошад: начандон вазнин ва дараҷаи миёна, вазнин ё махсусан вазнин, он гоҳ суд ҳангоми таъини ҷазои ниҳоӣ, барои ҷинояти начандон вазнин метавонад бо роҳи ҷазои сабуктарро дар бар гирифтани ҷазои вазнинтар ва ё бо роҳи пурра ё қисман зам кардани ҷазоҳо таъин намояд. Дар ин ҳолат ҷазои ниҳоӣ дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ набояд аз 25 сол зиёдтар бошад.

9. Судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки азбаски баровардани ҳукм баъди ба таври ошкоро эълон намудани вай ба анҷом мерасад, тартиби таъин намудани ҷазо аз рӯи маҷмӯи ҳукмҳо, ки дар моддаи 68 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, дар ҳолате татбиқ карда мешавад, ки агар маҳкумшуда пас аз эълон намудани ҳукми аввала, вале то адои ҷазои асосӣ ва ҳам ҷазои иловагӣ, ҷинояти нав содир карда бошад.

10. Агар баъди баровардани ҳукм муайян гардад, ки маҳкумшуда барои содир кардани дигар ҷиноятҳое низ гунаҳкор мебошад, ки баъзе аз онҳо то ва дигарашон баъд аз баровардани ҳукм содир карда шудаанд, дар ин ҳолат ҷазо бо ҳукми дуюм бо татбиқи ҳам моддаи 67 ва ҳам моддаи 68 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон:

аввалан-барои маҷмӯи ҷиноятҳое, ки то баровардани ҳукми аввала содир шудаанд, сипас бо тартиби қисми 5 моддаи 67 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, баъд аз он барои маҷмӯи ҷиноятҳо, ки баъд аз баровардани ҳукми аввала содир шудаанд ва аз рӯи маҷмӯи ҳукмҳо таъин карда мешавад.

11. Ҳангоми таъин намудани ҷазо аз рӯи маҷмӯи ҳукмҳо ба судҳо лозим аст, ки дар қисми муқаддимавии ҳукм намуд ва қисми адонагардидаи ҷазои бо ҳукми пештара таъиншударо, ки дар асоси моддаи 68 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд пурра ё қисман ба ҷазои бо ҳукми нав таъиншуда зам карда шавад, муфассал муқаррар намуда, онҳоро аниқ нишон диҳанд. Қисми адонагардидаи ҷазои бо ҳукми пештара таъиншуда инҳо дониста мешаванд:

- қисми воқеии маҳрум сохтан аз озодӣ, ки барои адо кардан дар лаҳзаи дастгиркунӣ ва ба ҳабс гирифтани ӯ барои содир кардани ҷинояти нав, боқӣ мондааст;
- мӯҳлате, ки маҳкумшуда аз адо намудани боқимондаи ҷазои бо ҳукми пештара таъиншуда пеш аз мӯҳлат озод карда шудааст;

- мӯҳлати ҷазои бо ҳукми пештаро таъиншуда, ки аз ҷониби суд шартан дониста шудааст;
- мӯҳлати мавқуф гузоштани адои ҷазо, ки ба занҳои ҳомиладор ва занҳои кӯдаки хурдсолдошта таъин карда шудааст.

Дар мавриди таъин намудани ҷазо барои содир кардани ҷинояти нав нисбати шахсе, ки ба тариқи бахшиши ҷазо мутобиқи моддаҳои 83 КҶ ва 77 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми адонагардидаи ҷазои бо ҳукми пештара таъиншуда ба ҷазои нисбатан сабуктар иваз карда шудааст, ба ҷазои барои ҷинояти нав таъинкардашуда, қисми адонагардидаи ин ҷазои нисбатан сабуктар пурра ё қисман зам карда мешавад.

12. Судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки ҷазои аз рӯи маҷмӯи ҳукмҳо таъиншуда дар ҳар маврид аз рӯи андоза чӣ аз ҷазои таъиншуда барои ҷинояти нав содиркарда ва чӣ аз қисми адонагардидаи ҷазои бо ҳукми пештара таъиншуда бояд зиёд бошад. Лекин аз мӯҳлати баландтарини барои чунин намуди ҷазо муқарраршуда зиёд буда наметавонад.

Ҷазои ниҳоӣ аз рӯи маҷмӯи ҳукмҳо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ метавонад аз мӯҳлати баландтарини ҷазое, ки дар Кодекси ҷиноятӣ барои ҷинояти аз рӯи ҳукми охир таъиншуда пешбинӣ шудааст, баландтар бошад, вале на зиёда аз сӣ сол, аммо агар он бо маҳрум сохтан аз озодӣ вобаста набошад, аз мӯҳлат ё андозаи балантарине, ки дар қисми Умумии Кодекси ҷиноятӣ барои ин намуди ҷазо муқаррар гардидааст, зиёд буда наметавонад.

Ҷазои ниҳоии ҷарима аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳо ё маҷмӯи ҳукмҳо барои содир намудани ҷиноятҳои дар қисмҳои 6 ва (ё) 7 моддаи 49-и КҶ пешбинигардида аз панҷ ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо, ки дар вақти содир кардани ҷиноят амал мекард, зиёд буда наметавонад.

13. Мувофиқи мазмуни қисмҳои 1 ва 2 моддаи 68 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷазои иловагии бо ҳукми пештара таъиншудаи адонагардида ба ҳамин сифат ба ҷазои бо ҳукми нав таъиншудаи ниҳоии асосӣ ҳамроҳ карда мешавад ё ин ки ба чунин намуди ҷазои иловагӣ, дар доираи барои ҳамон намуди ҷазои иловагии муайянкардашуда пурра ё қисман зам карда мешавад. Ҷазоҳои иловагии намудҳои гуногун мустақилона иҷро карда мешаванд.

14. Дар мавриди маҳкум намудани шахс барои ҷиноятҳои давомдор ё дарозмуддат, ки то баровардани ҳукм сар шуда, баъди баровардани ҳукм низ давом ёфтаанду ин шахс маҳкум шуда ҷазоро барои содир кардани дигар ҷиноят адо накардааст, бо ҳукми дуюм суд бояд ҷазоро аз рӯи қоидаи дар моддаи 68 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда таъин намояд.

15. Судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки мӯҳлати адо намудани ҷазои ниҳоии мувофиқи қоидаи қисми 5 моддаи 67 ва моддаи 68 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон таъинкардашуда, аз рӯзи баровардани ҳукми охирин бо ба ҳисоб гирифтани давраи то суд бо парвандаи охирин дар ҳабс ба тариқи чораи пешгирӣ ё дастгиркунӣ нигоҳ доштан, бояд бо ҳисоб гирифта шавад. Ба мӯҳлати ҷазои бо тартиби қисми 5 моддаи 67 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон таъинкардашуда, инчунин ҷазои пурра ё қисман адонагардидаи бо ҳукми аввала таъинкардашуда бояд ба ҳисоб гирифта шавад.

16. Дар мавриди таъин намудани ҷазои қатл барои яке аз ҷиноятҳое, ки ба маҷмӯъ дохил мешавад, ҷазои ниҳоиро ҳамчун истисно бо роҳи ҷазои сабуктарро дар бар гирифтани ҷазои вазнинтар таъин кардан мумкин аст. Ҳамин тариқа, агар бо яке аз ҳукмҳо ҷазои қатл таъин шуда бошад, ҷазо аз рӯи маҷмӯи ҳукмҳо таъин карда мешавад.

17. Судҳои марҳилаҳои кассатсионӣ ва назоратӣ вазифадоранд, ки аз тарафи судҳо иҷро намудани талаботҳои моддаҳои 67 ва 68 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, риояи принсипи фардикунондани таъини ҷазоро барои ҷиноятҳои алоҳида ва барои маҷмӯи ҷиноятҳо, мувофиқати онҳоро бо хусусият ва дараҷаи хавфкокии ҷамъиятии кирдор ва шахсияти маҳкумшуда ба таври ҷиддӣ санҷида бароянд. Дар мавриди ошкор шудани хатогиҳо ва вайронкунии қонун барои бартараф намудан ва пешгирӣ кардан бо роҳи бекор кардан ё тағйир додани қарорҳои нодурусти судӣ ва дар мавридҳои бо қонун пешбинишуда баровардани таъинотҳои (қарорҳои) хусусӣ чораҳо андешанд.

Ба судҳо фаҳмонида шавад, ки таъин намудани ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо бе таъин намудани ҷазо барои ҳар як ҷиноят дар алоҳидагӣ ё таъин намудани ҷазо барои ҷиноятҳои ба

маҷмӯъ дохилшаванда бе таъин намудани ҷазои ниҳоӣ, инчунин бо ҳукми нав ақаллан қисман зам накардани қисми адонагардидаи ҷазои ба ҳукми пештара таъиншуда, ки ба суд маълум буд, ба шарте, ки андозаи он ҷазои баландтарини барои ин намуди ҷазо пешбинишударо ташкил накунад, нодуруст татбиқ намудани қонуни ҷиноятие дониста мешавад, ки дар асоси талаботи моддаи 372 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон асос барои бекор кардани ҳукм мегардад.

18. Мувофиқи мазмуни қонун суди марҳилаи кассатсионӣ ё назоратӣ метавонад ба ҷои тарзи дар дохили ҷазои вазнинтар монондани ҷазои сабуктар, ки дар ҳукм истифода карда шудааст, қоидаи зам кардани онҳоро татбиқ кунад, ба шарте, ки ин марҳилаҳои судӣ ҷазои барои як ё якчанд ҷиноят таъиншударо сабук мекарда бошанд. Дар ин маврид ҷазои ниҳоӣ аз андозаи ҷазои бо ҳукм таъиншуда бо назардошти тағйиротҳои ба он дохилгардида, набояд зиёд бошад.

Агар суди зинаи аввал дар вақти таъин намудани ҷазо аз рӯи маҷмӯи ҳукмҳо дар дохили ҷазои вазнинтар монондани ҷазои сабуктарро нодуруст, бархилофи қонун ё аз сабаби имконнопазир будани зам кардани мӯҳлати адонашудаи ҷазо, татбиқ карда бошад, суди зинаи кассатсионӣ ё назоратӣ дар ҳолати сабук кардани ҷазо бо ҳукми охирин метавонад қисми адонагардидаи ҷазои ҳукми пештараро қисман ё пурра зам кунад, ба шарте ки ҷазои ниҳоӣ, бо назардошти тағйиротҳои ба он аз тарафи зинаҳои судӣ дохилгардида, аз андозаи ҷазои бо ҳукм таъиншуда зиёд нашавад.

19. Ҳангоми банду басти кирдори ҷиноӣ аз як модда ба якчанд моддаи қонуни ҷиноятӣ, ки ҷавобгариро барои ҷинояти сабуктар пешбинӣ кардаанд, дар мавриде, ки ин вазъи маҳкумшударо вазнин намекарда бошад ва ҳуқуқи ӯро барои ҳимоя вайрон намесохта бошад, суди зинаи кассатсионӣ ё назоратӣ масъалаи ҷазоро ҳал карда истода, метавонад қоидаи дар моддаи 67 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишударо истифода барад. Дар ин маврид ҷазои ниҳоӣ барои маҷмӯи ҷиноятҳо набояд аз ҷазои бо ҳукми суди зинаи аввал таъиншуда вазнинтар бошад.

20.Бинобар қабул шудани Қарори мазкур, Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 июни соли 1992 № 9 «Дар бораи таҷрибаи таъини ҷазо ҳангоми содир намудани чандин ҷиноят ва аз рӯи чандин ҳукмҳо» беэътибор дониста шавад.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **С.Фатҳиллоев**

**Котиби Пленум,**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **З.Н.Азизов**